# СУРАТМАҶЛИСИ №74
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019

**30 августи соли 2025** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, тахти №225/шд) тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.
Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ, Азиззода У.А., аъзоёни комиссияи ташхис, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назоратӣ прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ҷалолов Х.Ғ. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода Б.С. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Абдуллоев Нозим Саъдулоевич** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**